**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17).**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи илмии Давлатов Диловар Сайфуллоевич дар мавзӯи "Такмили танзими андозии иқтисоди миллӣ (дар маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ )", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Молия, гардиши пул ва қарз пешниҳод шудааст.**

Дар шароити муосир такмили танзими иқтисодӣ тавассути андозҳо хело масъалаи мубрам буда, асоси рушди иқтисодии ҳар як минтақаи кишвар ба ҳисоб рафта, боиси пешрафт ва ё садди роҳи пешрафти кишвар ва минтақаҳои он мегардад. Давлат дар такмил ва ё беҳаракатии танзими иқтисодӣ масъул буда, аз усулҳои гуногуни таъсирасон ба иқтисодиёт, тавассути буҷет, андозҳо, сиёсати пулию қарзӣ ва ғайраро истифода мебарад.

Тавре аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2019 сол бармеояд: "Дар мулоқоте, ки ман бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо доштам, ҷиҳати таҳияи Кодекси андоз дар таҳрири нав супориши қатъӣ додам. Масъулонро зарур аст, ки ҳангоми таҳияи он ҳавасмандсозии истеҳсолкунандагони ватанӣ, боз ҳам соддаву оммафаҳм гардонидани маъмурикунонии андоз ва беҳтар кардани фазои сармоягузориро пешбинӣ намоянд".

Аз ин лиҳоз танзими андоз, бояд дар madди аввал барои ҳавасмандсозии намудҳои алоҳидаи фаъолият, рушди корхонаҳои хурду миёна, инчунин рушди соҳаҳои афзалиятдошта баҳри таъмини бозори истеъмолӣ равона гардад.

Танзими андозбандӣ аз усулҳои ғайримустақими таъсири давлатӣ ба рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Аҳамияти мавзӯъ дар зарурати такмили танзими андозбандӣ дар рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба шумор меравад, чунки танзими андозбандӣ ба сифати воситаи асосии таъсири давлат ба рушди истеҳсолот ва муайян намудани афзалиятҳои рушди иқтисодии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ баромад мекунад.

Муаллиф қайд менамояд, ки маҷмӯи нишондиҳандаҳои базавӣ ва иловагии низоми ҷории андозбандӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, масъалаҳои ҷойдошта дар раванди таҳлили муқоисавӣ ошкор гардида, дар ин замина, вобастагии вазъи рушди иқтисоди миллӣ аз фишангҳои андозӣ асоснок карда шудааст (Саҳ. 6). Аз ин ҷост, ки масъалаҳои танзими давлатии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияҳои тобеи он, то ба ҳол баҳсталаб боқӣ мемонад.

Гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ доир ба пурзӯргардонии нақши давлат дар танзими андоз ва мукаммалгардонии вазифаҳои он дар рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мушкилоти ҷиддӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, аз нигоҳи илмӣ асоснок кардани нақши давлат дар танзими андозии рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияҳои тобеи он, дар заминаи такмил намудани сиёсати андозбандӣ муҳиммияти интихоби мавзӯи тақиқшавандаро муайян намудааст.

Албатта, дар автореферат ҷанбаҳои назариявию амалии такмили танзими андозии иқтисоди миллӣ (дар маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ) зиёд ба назар мерасад.

Дар баробари аҳамияти тадқиқотҳои гузаронидашудаи назариявию амалии кор, автореферат аз норасоиҳо низ иборат мебошанд:

1. Хубтар мешуд муаллиф таҳқиқотҳои экспертӣ гузаронида, муаммоҳои механизми танзими андозро дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ошкор менамуд;

2. Дар оянда зимни таҳқиқот муаллиф ба муаммоҳои танзими андозбандӣ диққати муҳим дода, пешниҳодҳои муфидро дар ин самт ба мақомотҳои андозӣ баррасӣ менамуд.

Эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии тадқиқоти илмии муаллифро коҳиш намедиҳанд ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кор баён гардидаанд.

Дар маҷмӯъ метавон қайд намуд, ки автореферати рисолаи илмии Давлатов Диловар Сайфуллоевич дар мавзӯи «Такмили танзими андозии иқтисоди миллӣ (дар маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08. 00. 10 – Молия, гардиши пул ва қарз пешниҳод шудааст, ба ҳамаи талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Молия, гардиши пул ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда мудири кафедраи “Назарияи иқтисод”-и ДИС ДДТТ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Азимов А.Ҷ.**

**Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Азимов А.Ҷ. -ро тасдиқ мекунам, мудири шӯъбаи кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқии ДИС ДДТТ** **Махмудов Ш.**